Парвандаи аттестатсионии №13
26-уми сентябри соли 2020, суратҷаласаи №13

## ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ

6D. КОА-001-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №15) дар бораи диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ).

Диссертатсия дар мавзӯи "Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ (суратҷаласаи №4, аз 25.02.2019) муҳокима гардидааст.

Диссертатсияи Мавлонова И.Т., автореферат ва дигар ҳуҷҷатҳои лозимӣ ба шӯро 01 сентябри соли 2020 ворид гардида, 04 сентябри соли 2020, протоколи №11 ба ҳимоя роҳ дода шудааст.

Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 январи соли 1977 дар ш. Ваҳдат таваллуд шудааст.

Соли 1999 факултети забонҳои хориҷӣ (англисӣ)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷӯраев (имрӯза Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ)-ро бо ихтисоси «Муаллими забони англисӣ ва франсавӣ» хатм намуда, фаъолияти меҳнатияшро солҳои 1999- 2010 дар вазифаи ассисенти кафедраи методикаи таълими забони англисии донишгоҳи мазкур оғоз намудааст. Солҳои 2013-2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ таҳсил намудааст. Аз соли 2011 то имрӯз дар вазифаи муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисии ДДОТ ба номи С.Айнӣ фаъолият менамояд.

*Роҳбари илмӣ:* Авғонов Самариддин Саидович–доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

*Муқарризони расмӣ:*

*1.Гулмадов Файз* - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

*2.Наврӯзшоев Баҳриддин Хушхолович* - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Муассисаи пешбар*: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

*Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:*

1.*Латифзода Диловар Назришоҳ*- –доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов. Тақриз мусбат аст.

2.*Саидзода Ҳалимҷон* -доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

3.*Ахмедова Гулнора Усмоновна*- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

4.*Аҳмадзода Зулфия Кабир*– номзади илмҳои педагогӣ, ноиби ректор оид ба идеология, тарбия ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

5.*Қаюмов Абдулмуъин Ҷумахонович*- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода. Тақриз мусбат аст.

Дар муҳокима ва мубоҳиса ширкат варзиданд: *Х.Раҳимзода, А.Мамадназаров ва Сайфуллоев Х.Ғ.*

Диссертант 19 мақола ба табъ расонидааст, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Прзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР нашр гардидаанд.

*Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намудаанд:*

1.Мавлонова И.Т.Использование ролевых игр на уроках английского языка/Вестник Таджикского государственного педагогического университета им.С. Айни.- Душанбе, 2010.-№1 (35).-С. 145-150.

2.Мавлонова И.Т.Развитие коммуникативных компетенции студентов младших курсов в процессе изучения английского языка/Вестник Таджикского государственного педагогического университета им.С. Айни. -Душанбе, 2014.-№6 (61)-С. 197-201.

3.Мавлонова И.Т. Критерии, показатели и признаки эффективности общепедагогической подготовки будущих учителей/Вестник Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. - Душанбе, 2015.- № 3 (64) - С. 32-35.

4.Мавлонова И.Т. Кор бо хонандагон дар самти қобилияти нутқӣ-коммуникативӣ яке аз масъалаҳои педагогии имрӯз/Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. -Душанбе, 2015.-№1(62-1)-С. 215-218.

5.Мавлонова И.Т. Истифодаи айёният воситаи муҳими инкишофи ваҷҳиёти коммуникативӣ дар омӯзиши забони англисӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии “Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ» бахшида ба амалигардонии “Барномаи давлатии омӯзиш ва такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2015-2020”. -Душанбе -2019.-С46-48.

6.Мавлонова И.Т. Воситаҳои ҳавасмандгардонии хонандагон дар ҷараёни таълими забони англисӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии “Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ» бахшида ба амалигардонии “Барномаи давлатии омӯзиш ва такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2015-2020”.- Душанбе -2019.-С48-50.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти иҷронамудаи муҳаққиқ:

-*ошкор шуд, ки* кори мақсаднок оид ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ дар асоси амсилаи таҳиякардаи муаллиф бо татбиқи шароитҳои педагогӣ бештар дараҷаҳои баланд ва миёнаи ташаккулёбии қобилияти мавриди пажӯҳишро дар омӯзгорониояндаи забони англисӣ таъмин месозад;

*-муайян гардид, ки* роҳҳои муштараки инкишофи шахсият, ташаккули қобилияти коммуникативӣ ва нутқии донишҷӯён ва таҷассуми илмии мавзуъ дар фаъолияти педагогии унвонҷу коркард карда шудааст;

*-муқаррар шуд, ки* моҳият ва мундариҷаи қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ва шароитҳои ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ таҳия гардидааст;

*-асоснок гардид*, ки консепсияи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон ва самаранокии низоми мундариҷавӣ ва технологии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ таҳия гардидааст;

*-тасдиқ шуд*, ки дар ҷараёни корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ натиҷаҳои баланди раванди ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ дар натиҷаи амалисозии ҳамгироии фанҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои тахассусӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани курси «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ» ба даст меояд.

*Аҳамияти назариявии* таҳқиқот иборат аст аз:

1.Ҷамъбасти донишҳои фалсафию педагогӣ доир ба ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди таҳсилоти касбӣ, ки тасаввуротҳои илмиро вобаста ба падидаи қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ васеъ мегардонад.

2.Асоснок кардани таъсири маҷмӯи имкониятҳои муайяншуда ба самарабахшии раванди ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки ба рушди назария ва амалияи тайёрии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат мекунад.

3.Коркард ва асоснок намудани технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ва бо далелҳои муътамад асоснок намудани болоравии динамикаи ташаккулёбии падидаи мазкур, ҳамчунин ҳангоми истифодаи натиҷаҳои ташхис дар асоси меъёрҳои когнитивӣ ва рефлексивӣ аз сатҳи пасту миёна ба сатҳи баланд баровардани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисони оянда.

Вобаста ба мавзуъ ва масъалаҳои рисола *методҳои* зерин истифода гардидаанд:

1.Методҳои назариявӣ: омӯзиши адабиёти лингвистиву лингводидактикӣ ва психологӣ доир ба мавзӯи тадқиқот; таҳлили адабиёти таълимӣ-методӣ, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ оид ба забони англисӣ дар муассисаҳои олии омӯзгорӣ.

2.Методҳои таҷрибавӣ: мушоҳида, суҳбат, назарпурсӣ, мусоҳиба, санҷиши тестӣ, таҳлили маҳсули фаъолияти донишҷӯён, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ оид ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгорони оянда ва ташкилу гузаронидани озмоиши педагогӣ.

3.Озмоишҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастии таҷрибаи таҳқиқотӣ.

4.Методҳои коркарди омории натиҷаҳои дар рафти таҷриба бадастомада ва шарҳи онҳо.

*Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нуктаҳои зерин дарҷ гардидаанд:*

1. *Асоснок карда шудааст*, ки методикаи рушд ва ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгорони ояндаи забони англисии дар рисолаи

таҳқиқотӣ таҳияёфта самаранок буда, метавонад дар кори амалии дигар муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ бомувафаққият истифода гардад.

2. Бо воситаи муайян намудани моҳият ва мавқеи қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ *ошкор шудааст*, ки он маҷмӯи хусусиятҳои ташкилдиҳандаи шахсияти омӯзгор, яъне шахси дорои донишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва принсипҳои рафтори ботаҳаммулонаи касбӣ мебошад.

2.*Исбот карда шуд*, ки ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ низоми илман асосноки таълим ва тарбияи донишҷӯёне мебошад, ки тибқи Стандартҳои давлатии таҳсилот ва махсусияти раванди мазкур ҳамчун категорияи фалсафӣ-методӣ ба роҳ монда мешавад.

3.*Самарабахшии раванди* ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ аз рӯи мавҷудияти низоме муайян карда мешавад, ки барои коркарди методика ҳамчун маҷмӯи шакл ва методҳои таъсиррасонии педагогӣ чун асос хизмат мекунад ва методикаи мазкур пешрафти пайдарҳами донишҷӯёнро аз марҳилаи репродуктивӣ (бемаҳсулӣ) тавассути марҳилаи маҳсулнок ба марҳилаи эҷодкории фарогири қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ таъмин менамояд.

4.*Исбот шудааст*, ки истифодаи усул ва технологияҳои нави таълим барои ба даст овардани натиҷаҳои баланди ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ҷиҳати иҷрои шартҳои зерин таъмин менамояд: таъмини раванди ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ дар омӯзгорони ояндаи забони англисӣ тавассути тавъамсозии равияҳои системавӣ-фаъолӣ ва шахсиятӣ-фаъолӣ; ҳамгироии фанҳо ҳангоми омӯзиши гурӯҳи фанҳои гуманитарӣ: забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ, муқаддимаи фаъолияти педагогӣ, методикаи таълими забони англисӣ.

*Аҳамияти натиҷаҳои ба дастомада дар амал бо он тасдиқ мегардад, ки;*

1. Муҳтаво ва технологияи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгорони оянда дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ ошкор карда шудааст.

2. Низоми таҳиягардидаи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ барои коркарди методикаи махсуси марҳила ба марҳила ташаккул додани раванди мавриди таҳқиқ ҳамчун асос хизмат кард.

3. Нуқтаҳои илмӣ ва амалии технологияи педагогии баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳимияти истифодаи технологияҳои педагогӣ, инчунин, мафҳуми «қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён» дар амал санҷида шуданд.

4. Маводи методие, ки муаллиф таҳия кардааст, имкон медиҳад доир ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди омодасозии касбӣ ва рушди маданияти омӯзгории ӯ ба кор бурда шавад.

5. Маводҳои таҳқиқот метавонанд дар курсу семинарҳои махсус ва машғулиятҳои амаливу тренингҳои раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

*Дастовардаҳои дигари илмӣ, ки тасдиқгари навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотанд:*

1.Мазмун ва сохтори раванди мавриди таҳқиқот бозгӯ ва дар ҷараёни он ихтилофоти махсус ошкор шуда, равияи нав мухтасар ифода гардидааст.

2.Низоми донишҳои мукаммал, системаи мафҳумҳо, методҳои амалӣ ва воситаҳои коркарди ҷузъиёти технологияи педагогӣ таҳия гардида, консепсияи амсилаи (модели) ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои мукаммал дар соҳаи технологияҳои педагогӣ ва корбурди онҳо дар таълим пешниҳод шудааст.

3.Роҳҳои ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян шуданд.

4.Моҳият ва мундариҷаи қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ва шароитҳои ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муқаррар гардидааст.

5.Самаранокии низоми мундариҷавӣ ва технологии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ майян шуданд.

*Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ* бо мувофиқати маълумот ва натиҷаи корҳои назариявӣ ва таҷрибавии дар раванди таҳқиқот ноилшуда ба проблемаи таҳқиқшаванда собит гардида, бо муқоисаи назару андешаҳои мухталифи падидаҳои педагогии мавриди таҳқиқот, баррасии натиҷаҳое, ки бо усулҳои гуногуни назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаанд, таъмин гардидаанд.

Натиҷа ва хулосаҳои рисола дар назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони ояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад.

*Назария асос ёфтааст ба: таълимоти фалсафие*, ки моҳияти мафҳумҳои «коммуникатсия», «ахлоқ», «одоб», «фарҳанг»-ро ошкор менамояд; -консепсияҳои маълумоти педагогӣ; идеяи рӯйоварӣ ба шахсият; идеяҳои шахсияти фаъол, инсондӯстӣ, низомнокӣ, технологӣ, ҳамгироӣ; равияи салоҳиятмандӣ дар таълим ва тарбия.

-*таҳлили санадҳои меъёрӣ*: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон», «Дар бораи маориф», Консепсияи мактаби миллӣ, Стандарти давлатии таҳсилот, Консепсияи таҳсилоти муттасил, назарияи раванди яклухти педагогӣ, назарияи ташаккулдиҳии шахсият, ҳуҷҷатҳои дастурии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ доир ба проблемаи таҳқиқот *мавриди истифода қарор гирифтаанд.*

Дар ҷамъбасти таҳқиқот натиҷа ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардида, маълумотҳои назариявӣ ва озмоишӣ имкон доданд, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

- масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ талаби замон буда, талаботи навро барои омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ аз фани забони англисӣ ба миён мегузорад;

-кори мақсаднок оид ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ дар асоси амсилаи таҳиякардаи муаллиф бо татбиқи шароитҳои педагогӣ бештар дараҷаҳои баланд ва миёнаи ташаккулёбии қобилияти мавриди пажӯҳишро дар омӯзгорони ояндаи забони англисӣ таъмин месозад;

-моҳияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён, ки аз маҷмӯи қобилиятҳои идрок ва иҷрои фаъолияти коммуникативӣ-нутқӣ дар шароити муассисаи олии омӯзгорӣ ба дараҷаи кифоя баланд иборат аст;

-аҳамиятнокии рушди қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ бо он муайян карда мешавад, ки тамоилҳои дидактикаи мактаби олӣ барои рушди комили шахсияти толибилмон ва омодагардонии онҳо ба кори рақобатпазир дар ҳолатҳои зудҳаракатии байналмиллалӣ ва ҳамгирой маълуманд;

-технологияҳои педагогӣ дар таълими забони англисӣ бо мақсади омодасозии муаллимони оянда ба ҳамкории педагогӣ дар ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ҳамчун технологияи пешқадами шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ амал менамояд ва бар хилофи низоми анъанавӣ, ба сифати яке аз шароитҳои самарабахши ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад;

-натиҷаҳои баланди раванди ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ дар натиҷаи амалисозии ҳамгироии фанҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои тахассусӣ ва таҳияву ҷорӣ намудани курси «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ» ба даст меояд.

*Саҳми шахсии унвонҷӯ:*

1. Муҳаққиқ ғоя ва қоидаҳои асосии рисоларо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва амсилаи консептуалиро коркард намудааст ва он имконият додааст, дар асоси равияҳои фаъолиятмандӣ ва босалоҳият масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ҳал гардад.

2. Иҷрои бевоситаи кори таҳқиқотӣ, тафсир ва тафтиши натиҷаҳои бадастовардашуда самарабахш омӯхта шавад.

3. Иштироки шахсии унвонҷӯ дар он низ ифода меёбад, ки МТМ, силлабус ва нақшаи нави таълимиро оид ба курси «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ»-ро коркард ва ба ҷараёни таълим ворид намудааст. Дар тартиб додани стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба забонҳои хориҷӣ барои мактабҳои олии ҶТ, дар коркарди курсҳои нави махсус ва барномаҳои таълимӣ-методӣ оид ба силсилаи фанҳои лингвистӣ-дидактикӣ ва психологӣ-педагогӣ, ки дар таълими озмоишӣ ворид гаштаанд, дар интихоби усулу тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди омӯзиши касбӣ, дар амалигардонӣ ва роҳнамоии бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, дар мустақилона ба анҷом расонидани рисола ва асарҳои интишоршуда, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мақолаҳо ширкат варзидааст.

4. Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз ҷониби муҳаққиқ тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои самаранокии ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ таҳия шудаанд.

*Тавсияҳои асосии истифодаи натиҷаҳои татқиқот:*

1.Амалӣ намудани робитаҳои байнифаннӣ дар баландшавии сифати азхудкунии мафҳумҳои заминавии илмӣ мусоидат намуда, ба раванди ташаккулёбии маҳорату малакаи хусусияти амалидоштаи донишҷӯён суръат мебахшад.

2.Ҳангоми хондани лексия ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ бояд таваҷҷӯҳро ба масъалаи рушди қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ ва тарбияи муошироти байнифарҳангӣ нигаронид, то онҳо ба ташаккулёбии малакаҳои ҳаётӣ ва касбии донишҷӯён мусоидат намоянд.

3.Бояд интихоби шакл, тарз ва технологияҳои таълими босуръат, истифодаи усулҳои фаъоли таълим, пайвасти моҳиронаи шаклҳои гуруҳӣ ва фардии кор, ҳалли масъалаҳои эҷодӣ ва проблемавӣ, инкишофи қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ, тарбия ба эҳтиёҷот ҷиҳати муошироти байнишахсӣ ва педагогӣ афзалият дошта бошад.

4.Дар раванди таълим ҳисси маърифати мустақилонаро бояд зиёд кард, зеро муҳайё намудани шароити фаъол намудани донишҷӯён дар раванди таълим ва боло бурдани ҳисси маърифати мустақилона ба омӯзгор имкон медиҳад, шаклҳои мухталифи ташкили раванди омӯзиш истифода гарданд (семинар, музокирот, шаклҳои гурӯҳӣ ва инфиродии кори мустақилона).

5.Зарур аст, ки дар машғулиятҳои амалӣ қобилияти зеҳнӣ ва сифатҳои муҳими психологии донишҷӯён инкишоф дода шаванд, зеро чунин амал ташаббускорӣ ва фаъолнокиро инкишоф дода, хотира ва тафаккури донишҷӯёнро қавӣ мегардонад.

Шӯрои диссертатсионӣ хулоса намуд, ки рисолаи мазкур ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент,профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст ва дар ин асос қарор қабул намуд, ки ба Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад

Дар овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 19 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 16 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдори додани дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ 16 нафар, муқобили додани дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ нест, варақаҳои бекоршуда нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сайфуллаев Х.Г.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** **Дадобоева М.С.**

**26 декабри соли 2020**